АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМА!

# ДАРМОНБАХШ

E-mail: darmonbakhsh2017@mail.ru Нашрияи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

№ 7 (37) 18 октябри соли 2021, душанбе
(Оғози нашр: соли 2017)

**Забони модарӣ хишти нахустини пойдеври кохи миллат ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллӣ мебошад.**

**Забони тоҷикӣ баёнгари тамоми арзишҳои бузурги маънавии халқи мо буда, тамаддун ва фарҳанги куҳанбунёд, ки мо бо онҳо ифтихор мекунем, то ба имрӯз маҳз ба воситаи забони модариамон ҳифз гардидааст; бо он забони латифу нафисе, ки матнҳои беш аз ҳазору дусад сол қабл навишташудаашро мехонему мефаҳмем; бо он забоне, ки садҳову ҳазорҳо бузургони суханвари ин марзу бум эҷод кардаанд ва осори ҷовидонаи худро ба имрӯзиён мерос гузоштаанд.**

**Забони миллӣ аз ҷумлаи муқаддасоти миллат аст ва забони давлатӣ рамзи давлат аст.**

**Омӯзгорони забону адабиёти тоҷикӣ, падару модарон ва аҳли зиё вазифадоранд, ки ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи забондонӣ ва махсусан, ба сайқал додани фарҳанги муоширати наврасону ҷавонон мусоидат карда, ба риояи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ ва одоби сухангӯӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимми раванди таълиму тарбия таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.**

Эмомалӣ РАҲМОН

# ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мо онро ҳар сол ҳамчун рамзи арҷгузорӣ ва гиромидошти забони ширину шевои тоҷикӣ таҷлил менамоем, самимона табрик мегӯям.

Мардуми шарифи Тоҷикистон дар сӣ соли соҳибистиқлолӣ шоҳиди дигаргуниҳои бузургу бесобиқа дар тамоми самтҳои ҳаёт, аз ҷумла дар татбиқи сиёсати давлатии забон, яъне пешрафти он ва ба таври куллӣ вусъат гирифтани доираи истифодаи забони шоиронаи тоҷикӣ гардидаанд.

Маҳз дар ҳамин давра забони тоҷикӣ дар бахтномаи миллат – Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба сифати забони давлатӣ эътироф ва дарҷ гардид.

Аз 5 октябри соли 2009, яъне бо қабул гардидани Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» забони тоҷикӣ ба марҳалаи нави рушду такомул ворид шуд.

Зеро қонуни мазкур бо дарназардошти ниёзҳои рӯзафзуни ҷомеаи мо дар асри XXI, инчунин, ба хотири арҷгузориву посдории боз ҳам бештари забони тоҷикӣ таҳияву тасдиқ гардида, то имрӯз дар пешбурди сиёсати давлати навини тоҷикон нақши муҳим бозида истодааст.

Ҳукумати Тоҷикистон, дар баробари ин, пайваста тадбирҳои иловагиеро амалӣ карда истодааст, ки ҳадаф аз онҳо таҳкими бештар бахшидан ба мақоми забони давлатӣ мебошад.



Аз ҷумла, 28 ноябри соли 2020 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030» тасдиқ карда шуд, ки барои дурнамои рушди сиёсати забони давлатӣ дар ҷомеа заминаҳои ҳуқуқӣ, моддӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ фароҳам меоварад.

Барномаи мазкур маҷмӯи чорабиниҳоро барои рушди даҳсолаи забон муайян карда, мо соҳибзабононро вазифадор менамояд, ки содиқона ва бо эҳсоси баланди худшиносиву худогоҳӣ аз пайи иҷрои масъалаҳои дар он пешбинишуда бошем.

Дар робита ба ин, бори дигар хотиррасон месозам, ки забон ҳастии миллат ва нишони давлатдории миллӣ буда, чун ҷисми зинда барои афзудани тавонмандии худ ба ғамхориву пуштибонии пайвастаи давлату ҷомеа ниёз дорад.

Забони тоҷикӣ ифодагари арзишҳои маънавӣ ва ойинаи ибратбахши рӯзгори мо тоҷикон аст.

Аз ин рӯ, мо забони модарии худро дӯст медорем, ба он эҳтирому арҷи бепоён мегузорем, зеро забон ганҷи бебаҳои мероси фарҳангӣ ва аз ҷумлаи олитарин муқаддасоти миллии мо ба шумор меравад.

Донистани якчанд забон, ки аз анъанаҳои деринаи гузаштагони бузургамон маншаъ мегирад, имрӯз ҳама қишрҳои ҷомеа, махсусан, насли наврасу ҷавонро водор месозад, ки дар баробари аъло донистани забони давлати худ, яъне тоҷикӣ донандаи хуби дигар забонҳо низ бошанд.

Дар робита ба ин, ман борҳо таъкид кардаам, ки забономӯзӣ бояд дар доира ва заминаи забони тоҷикӣ, яъне бар пояи меъёрҳои забони модарӣ ва риояи хусусиятҳои он ҷараён гирад.

Ман қариб дар ҳамаи суханрониву вохӯриҳои худ таъкид месозам, ки бузургтарин вазифаи ҳар як фарди худогоҳи кишвар нигаҳдориву арҷгузорӣ ба ин мероси гаронбаҳо ва ба наслҳои оянда поку беолоиш расонидани забони ширину шево ва забони шеъру адаби оламшумули тоҷикӣ мебошад.

Бинобар ин, мо бояд дар ёд дошта бошем, ки сарчашма ва пойдеври худогоҳиву худшиносӣ забони модарӣ аст ва маҳз забони миллӣ тафаккури миллиро ташаккул медиҳад.

Яъне забони модарӣ барои мо – тоҷикон асоси ҳувияту худшиносии миллиамон мебошад.

Аз ин рӯ, вазифаи муқаддаси мо – насли имрӯза дар он зоҳир мегардад, ки барои поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ кӯшиш намоем, забондонии хешро пайваста сайқал диҳем ва онро чун гавҳараки чашм пос дорем.

Бори дигар Рӯзи забони давлатиро ба тамоми ҳамватанони гиромӣ самимона табрик гуфта, итминони комил дорам, ки ҳар як шаҳрванди худогоҳу ватандӯсти Тоҷикистони азиз тамоми саъю талоши худро барои минбаъд низ рушду инкишоф ёфтани забони давлатӣ равона хоҳад кард.

**Рӯзи забони давлатӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

## 5 ОКТЯБР РӮЗИ УМУМИҶАҲОНИИ МУАЛЛИМОН

# БАЛАНД АСТ АЗ ФАЛАК НОМИ МУАЛЛИМ

**Муаллим ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошад. Вай донишу заковат, гармии худро бедареғ ба фарзандон медиҳад ва хешро хушбахт меҳисобад.**

**(Эмомалӣ Раҳмон)**

**Алихон ИКРОМӢ**
**– коршиноси Суди тиббӣ**



Рӯзи умумиҷаҳонии муаллимон, ки аз соли 1994 сар карда, ҳар сол 5 октябр ҷашн гирифта мешавад, бо худ бо ҷашни солонаи қабули Тавсифномаи (МОТ) ЮНЕСКО дар бораи вазъияти омӯзгорони соли 1966 машҳур аст. Тавсифномаи мазкур тахмини максаднокро дар муносибат ва ҳуқуқҳои омӯзгорон, ҳамчунин меёрҳои байналхалқӣ ва омодагиҳои аввалиндарача ва идомаи таҳсилот, интихоб ва шуғли меҳнат, шароити дарсдиҳӣ ва омӯзишро муаян мекунад. Соли 1997 бошад тавсифнома дар бораи статуси кадрҳои омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба воситаи дарбаргирии хайати омӯзгорӣ ва таҳқиқотӣ дар системаи маълумоти олӣ иловакунандаи тавсифномаи соли 1966 буд. Рузи омӯзгор дар ҳар кишвар ҳар рӯз муаян шудааст, лекин ҳамааш дар моҳи октябр аст ва як ё чанд рӯз пеш, ё пас аз рӯзи умумиҷаҳонии муаллим ҷашн гирифта мешавад. Дар кишвари мо бошад рӯзи омӯзгорон ҳар сол рӯзи якшанбеи аввали моҳи октябр ҷашн гирифта мешавад.

**Муаллим ин сухан бисёр зебост,**
**Муаллим ин сухан хубу гуворост.**
**Бувад гулбоғи ирфон сабз доим**
**Зи кори ибратомӯзи муаллим.**

**Даврон ХУЧАЁРОВ,**
**табиби дилшинос**

**Агар муаллим барои эхёи тафаккури насли нав хизмат намекард, зиндагӣ як лаҳза ҳам пеш намерафт.**

**(А. С. Макаренко)**



Бо қабули 4 мақсад дар масъалаи инкишофи устувор, ба маълумот таълуқдошта ва вазифаҳои мақсаднок \ИМИ 4 – идораи мақсадноки инкишоф\ бо эътирофи омӯзгорон гарави амалисозии даъвати рӯз дар масъалаи маълумот дар давраи то соли 2030, Рӯзи умуиҷаҳонии омӯзгор сабаб шуд кайд намудани муваффақиятҳои гузашта ва таҳлил кардани роҳҳои бартарафкунии мушкилиҳои маҳфузбуда барои пешравии пешаи омӯзгорӣ. Беҳуда нагуфтаанд, ки дар ду соҳа мутахассисони тасодуфиро набояд ба кор бигиранд. Яке соҳаи маориф ва дигаре соҳаи тандурустӣ. Агар дар соҳаи маориф омӯзгори тасодуф донишгоҳро ба воситаву дигар роҳҳо хонда, хатм кард ва ба мактаб ба кор омад аз вай мутахассиси хубро интизор набояд шуд. Зеро чунин мутахассис насли оияндаи ҷомеи тарбия мекардаашро тарбияи дуруст дода наметавонад. Ва ҷомеа аз чунин мутахссисон ба ҷои фоида зарар мебинад. Дар масъалаи мутахассиси тасодуфи соҳаи тандурустӣ инсони ба беморӣ ба назди чунин табиб уфтода, ба ҷои сихат шудану ба зиндагии пештара баргаштан, баръакс бо табобати нодурусти чунин мутахассис он нафар дардманду касалманд ба ҷомеа ба кор бармегардад. Барои ҳамин дар ин ду самт бояд мо мутахассисони вокеиро тарбия карда, ба ҷомеа пешкаш намоем. Ба ин пахлуи масъала бояд масъулони ин самт андеша намуда, аз рӯи виҷдон мутахассисони арзандаро ба донишгоҳу коллеҷҳо қабул намоянду ба ҷомеа мутахассисони ҳақикиро тарбия намоянд.

**Ҳар он кас, ки гашт шоҳ,**
**вазир, олим,**
**Гирифт таълим аввал аз муаллим!**

**Муборак ҲАЙДАРОВА,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори дандонсозии КТК**

**Орифони илм ошиқ мешаванд,**
**Беҳтарин мардум муаллим мешаванд.**
**Ишқ бо дониш мутамим мешавад,**
**Ҳар ки ошиқ шуд муаллим мешавад.**



Аз рӯи нақли наздикони калонсоли ман дар даврони собиқ Хукумати шӯравӣ обрӯ манзалат ва эхтироми омӯзгор хеле баланд буд. Ҳатто ба раиси колхоз ва ҳатто ба котиби аввали ҳизби коммунист, ки он замон роҳбари асосии шаҳру ноҳияҳоро ба ӯҳда дошт дар вакти сӯҳбат муаллим гуфта мурочиат мекарданд. Бештари роҳбарони колхозу шаҳру ноҳияҳо ҳам маҳз аз мактаби омӯзгорӣ гузашта буданд. Дар ҳақикат омӯзгори вокеан асил арзандаи ҳамаи пешаҳои роҳбарӣ буда метавонад. Ва арзандаи ҳама эхтироми шогирдон ва аҳли деҳа ва ё маҳали зисташ ва берун аз он аст.

Охир рост нишастану навиштан, хондан тарзи сӯҳбат кардану одоби муоширату эхтироми калонсолону ҳамсолон, ҳатто амали кори неку хайр дастгирии рафиқ ва ё нафари мухтоҷ ба кӯмак, захмати ҳалол, кӯмак ба пиронсолону дигару дигарро мо маҳз аз муаллимамон ёд мегирем. Охир дар дунё аз нафари оддӣ то ба сарвари давлатҳо президенту дигару дигар олимону ихтирокорон ҳама бо роҳбаладӣ ва кӯмаки муаллим ба ҷое расиданд.

**Зебонисо ШАРИФОВА,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори дандонсозии КТК**



Муаллим бояд кори худро бидонад ва ба масъулияти сангини худ тавачҷӯҳи ҷиддӣ дошта бошад. Омӯзгор метавонад шахсони шоиста тарбия намояд, ӯ қодир аст, ки ҳатто одами бадкирдорро некӯ гардонад.

Хеҷ ибодате беҳтар аз муаллимӣ нест.
(Хусейн Мазоирӣ)

Мо омӯзгорро бо ибораҳои рушноибахши торикии ҷони мардумон, нуру зиёбахши андешаи шогирдон, кофиласарои ишқу муҳаббат, боғбони бустону меҳру мухаббат, сарчашмаи оби мусаффову зулоли обёрикунандаи замини ташналаб ва боз чанд ибораи дигар ташбеҳ намоем арзанда мебошад. Дар зиндагӣ ва шахсият шудани ҳар яки мо омӯзгор саҳми калон дорад. Дар ҳақиқат захмат ва кори имрӯзаи омӯзгор таҳкурсии фарҳанг, тамаддун ва мактабу ватани фардои наслҳои оянда мебошад. Беҳуда нагуфтаанд:

**Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар.**

**Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор**
**Шавад тира аз бехирад рӯзгор.**

**(Ҷомӣ)**

**Мадина ИСЛОМОВА,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори тиббӣ ташхисии КТК**

**Муаллими ҳақиқӣ ҳамонест, ки дониши ӯ дониши хонандагонаш гардад.**

**(Д. И. Менделеев)**



М у а л л и м , омӯзгор, устод аз ҷумлаи нафаронест, ки роҳбаладӣ шоҳроҳи зиндагии насли наврас буда, шогирдашро ба дунёи омӯзиш, ба ҷаҳони идроку фахмиш, ба роҳи некию накӯкорӣ, эҷодкорию дӯстию рафоқат ворид сохта, то ба вакти роҳнаварди мустақили роҳи худ шудан ӯро ҳамроҳ аст. Устод равшанибахшу фурӯзонкунандаи роҳи толибилм мебошад. Вай бузургтарин ва маҳбубтарин вазифаро дар назди ҷомеа адо менамояд. Беҳуда бузурге дар ҳаққи муаллим чунин нагуфтааст:

**Баланд аст аз фалак номи муаллим,**
**Бувад ҷонбахши мо, ҷони муаллим.**
**Набошад неъмате дар ҳар ду олам,**
**Ҳалол аст пораи нони муаллим.**

**ҲАСАНЗОДА Муҳайё,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори дандонсозии КТК**

**Муаллим, то даме, ки зиндааст, мехонад: Ҳамин ки аз хондан бозмонд, сиmои муаллимиаш низ барҳам меҳӯрад.**

**(К. Д. Ушинский)**



Асри 21 ки замони пешравиҳои илму техника ва фазои электронист дар мукоисаи замони собиқ шӯравӣ аз омузгор вазифаҳои бештаре талаб мекунад. Аз худ кардани ин вазифаҳо ҳам кори осон нест ва на ҳар омӯзгор кудрати ба пуррагӣ аз ичрои ҳалли ин вазифаҳо баромада метавонад. Давлатҳои абаркудтар низ дар ҳама кишварҳо бо бунёди мактабҳо ва ё бо қабули донишҷӯёни кишварҳои дигар ба макотиби олии худ сиёсатҳои худро пиёда мекунанд ва бо ин роҳ манфиат мебинанд. Бо ин мақсад ҳар шахси худшинос ва ватандори асил, ки имрӯз пешаи муаллимиро интихоб намудааст ва ба тарбияи насли наврас машғул аст ҳатман ҳӯшёр бошад аз чиҳати сиёсӣ пурра тайёр бошаду ҳамеша манфиатҳои миллату ватанро аз манфиатҳои шахсиаш боло гузошта тавонад.

**Ҳар кӣ номӯхт аз гузаши рӯзгор,**
**Низ наомӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.**

**(Рӯдакӣ)**

**Нигора САФАРОВА,**
**донишҷӯи курси 1,**
**Кори дандонсозии КТК**



Дар суханони Пайғамбари бузургвор омадааст: Падарон се гунаанд: Он ки воситаи офариниши туст, он ки занат дода (падарарӯс) ва он ки илмат омӯхта. Зиндагии бузургони миллат барои ҳар фарди солеҳу солим дарси зиндагӣ аст ва сабаби пешрафту соҳибкадр гардидан ӯ дар ҷомеа мебошад. Пас эхтироми муаллим воҷиб аст ва баробари ҳурмату эхтироми падар ва ҳатто аз он зиёдтар аст, чунонҷӣ дар ин маънӣ бузургон фармудаанд: Хаққи устод аз падар беш аст,

В-аз падар устод дар пеш аст. Паёмбари гиромикадр (с) мефармоянд: Аллоҳи бузург баракати илмро дар эхтиром ба устод карор додааст. Пас шогирдро зарур ва воҷиб аст, ки эхтирому иззат ва қадрдонии муаллимро ба ҷо оварад ва дар хидмати устод бошад ва бо дуои неки ӯ ба куллаву дараҷаҳои болову воло расида бошад ва фаромӯш накунад, ки имрӯз хизмати устод мекунад ва фардо худ устод мешавад ва шогирдон дар хизмати ӯ қоим мешаванд. Ва ҳар шахси муваффақ, соҳибмансабу соҳибдавлат таълими худро назди муаллим гирифта ва муаллим аст, ки шогирдро рост ва омодаи ҳаёт намуда.

**«Дармонбахш»**

ДАРМОНБАХШ
АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМ

МУАССИС:
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ» БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ

САРМУҲАРРИР
Билоли ШАМС

МУШОВИРОН:
Азиззода Зубайдулло Абдулло, номзади илмҳои тиб, директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Назарзода Ҷумахон Шамс, муовини директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Фаридун Сафаров, номзади илмҳои тиб;
Ниёзмад Шомадов, номзади илмҳои тиб;
Латофат Ҳакимова, ҷонишини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 230/РЗ-97 аз 04. 12. 2020 ба қайд гирифта шудааст.

РӮЗНОМА БО ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ

ТЕЛЕФОН:
Идора: (918) 81 – 17 – 92

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт» бо теъдоди 3000 нусха чоп карда шуд.

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНИИ МО:
735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи А.Абдураҳмонов, 7
E-mail:
darmonbakhsh2017@mail.ru

# МАҚОМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**«Забони давлатӣ аз рукнҳои асосии давлатдории миллат, ки дар пойдорӣ ва суботи давлати Миллӣ мақому нақши муҳим дорад ва аз ҳамин хотир аст, ки мо дар Тоҷикистон забони миллатро ҳастии миллат ва бунёду пояи давлат эълон кардаем»**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ин суханони пур зи меҳру вафо ва садоқатмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон раҳнамову роҳбалади насли имрӯза ва фардои миллати тоҷик аст. Миллати ҷабрдидаи тоҷик дар тӯли асрҳо зери фишору таҳдидҳои аҷнабиён мероси гаронбаҳои худро ҳифз карда тавонист. Фарзонафарзандони ба ору номус ва фидоии ин забону ин миллат бо сарварии Пешвои миллат дар даврони Истиқлолияти давлатӣ забони миллиро дубора эҳё намуданд.

Ҳар сол дар Тоҷикистон 5 октябр Рӯзи забони давлатӣ таҷлил карда мешавад. Қонуни забон ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода, барои инкишофи озодонаи забонҳои халқу миллатҳои дигари қаламрави мамлакат имкониятҳои мусоид фароҳам овард.

Забон ҳастии миллат ва нишони давлатдории миллист аз ин рӯ ба ғамхориву пуштибонии доимии давлат эҳтиёҷ дорад.

Даҳсолаҳо гузаштанду забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – забони тоҷикӣ ба феҳристи забони сиёсат, коргузорӣ, илм, адабиёт ва равобити давлатӣ дохил шуда, имрӯз тамоми сохторҳои давлатӣ, забони коргузорӣ, қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ин ифтихори басо бузурги мо – миллати тоҷик аст. Даврони Истиқлолият марҳалаи эҳё ва рушди забони тоҷикиро дар ақсои олам муаррифӣ намуд.

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои Миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 72 - юми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Мутаҳид, ки аз ин минбари бонуфузи ҷаҳон аз забони Пешвои миллати тоҷикон забони ноби тоҷикӣ садо дод ва иброз намуданд, ки Барои ман забони тоҷикӣ на танҳо воситаи гуфтугую муошират ба шумор меравад, балки болотар аз он, Шиносномаи миллати азизам, рӯҳи поки гузоштагонам ва оинаи осори ниёконам мебошад.

Аз ин рӯ ман ба ин забон шеваи шоирона сидқан арҷ мегузорам, бо ҳисси баланди ватандӯстӣ аз минбари баланд бо ин забон сухан мегӯям, аз лаҳни шакарину дилнишин лаззати маънавӣ мебарам ва ҳастиамро ба ҳастии забонам пайванд дониста, ин гавҳари хушоб ва дуру ҷахонтобро пайваста ситоиш ва тарғиб менамоям. Ба ин хотир доир ба таърихи ташакули забони тоҷикӣ мақолаву асарҳо такдим менамоям, дар ҳар суханрониям бузургию тавоноии онро таъкид месозам ва барои ҳифзу ҳимояаш талош мекунам.

Забони миллат ҳастии миллат аст китоби дуввум. Душанбе Нашриёти муосир 2020.

**«Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ростии миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад»**
**Эмомалӣ Раҳмон**

Боиси шукр ва сарфарозист, ки дар чунин вакту шароит ҳар яки моро зарур аст, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар пурра ҷорӣ шудани забони давлатиро таъмин намоем, таҳқиқи илмӣ ва таъмини ҳаматарафаи онро вусъат бахшида, забони гуворою ноби тоҷикиро аз олоишҳои бегонаю унсурҳои маҳаллӣ пок созем.

Маданияти сухангӯиамонро баланд бардошта, дар навишту гуфтор меъёрҳои забони адабиро риоя намоем.

**Шафоат КОМИЛОВА,**
**мудири кафедраи Забон ва адабиёти тоҷики МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.»**

# ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМ

**Омӯзгор ҳидоятгар, маслиҳатдеҳ ва донишомӯзи шогирд аст ва мекушад, ки ҳар як донишҷӯ пеш аз ҳама боодобу хушрафтор бошад, зеро ҳеҷ беодобе донишвар нахоҳад шуд. Барои баланд бардоштани сатҳи сифати таълим ба ҳар як омӯзгор лозим меояд роҳҳои гуногунро ҷустуҷӯ намуда, усулҳои беҳтарини фаъолро дар рафти таълими худ қарор диҳад. Ҳар як омӯзгор нисбати худ ва шогирдон бояд серталаб, устувор, нававару дурбин буда, ғамхорӣ нисбат ба шогирд зоҳир намояд.**

Бояд қайд намуд, ки омӯзгори ботаҷриба Каримхон Ятимов зодаи ноҳияи Мӯминобод буда, умри бобаракати худро дар соҳаи омӯзгорӣ сипарӣ кардааст. Каримхон Ятимов хатмкардаи шӯъбаи физикаи факултаи математикаи ДДК буда, вай якчанд вакт дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №5 ноҳияи Мӯминобод ба ҳайси омӯзгор кор кардааст. Аз соли 1983 то соли 1991 дар Донишкадаи такмили ихтисоси шаҳри Кӯлоб дар вазифаи мудири кабинети методии таълими меҳнат, физика ва математика кор ва фаъолият намудааст. Баъди гузашти солҳо дар назди омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб \ҳозира Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб\ Каримхон Ятимов ҳамчун шахси пешбарандаи сохтори таълим, мутахассиси таҷрибадор фаъолияти кории худро давом дод. Аз соли 1996-ум имтиҳонҳои қабул бо тариқи усули тестӣ ҷорӣ гардид. Яке аз муалифони варақаҳои тестии имтиҳонӣ, имтиҳонгиранда ин шахсият ба ҳисоб мерафт. То солҳои 2001-ум дар сохторҳои таълим бо ҳайси мудири кафедра ва мудири кабинет кор кардааст. Аз соли 2003 то соли 2013 вазифаи мудири шӯъбаи методии КТК-ро ба ӯҳда дошта, барои пешрафти корҳои методӣ таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ, дастурҳои методӣ, чопи адабиёту мақолаҳо саҳми арзандаи худро гузоштааст. Аз тарафи ин шахсият зиёда аз 21 мақолаҳои илмӣ, дастурҳои методӣ оид ба таълиму тарбия, ёрии методӣ ба омӯзгорони ҷавон аз чоп баромадаст.

Заҳматҳои Каримхон Ятимов аз тарафи роҳбарияти муассиса ва аҳли коллектив қадрдонӣ шуда, ҳамчунин, меҳнати вай бо ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии маъорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст. Ҳоло ҳам ӯ бо пешаи интихобкардаи худ шогирдонро дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ тарбия намуда, дар навиштани мақолаҳои методӣ ёрирасон мебошад.

**Сайлонбӣ Давлатова,**
**мудири шӯъбаи илмӣ-методии МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз»**



# РӮДАКӢ РАФТУ МОНД ҲИКМАТИ ӮЙ...

Санаи 22 - сентябри соли равон бо ташаббуси омӯзгорони кафедраи «Забон ва адабиёти тоҷик» дар толори Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз” ҳамоиши таълимию бадеӣ, бахшида ба бузургдошти «Рӯзи Рӯдакӣ» таҳти унвони «Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй...» баргузор гардид. Дар ҳамоиш донишҷӯён ва устодон бо маърӯзаҳо доир ба мавзӯъҳои “Рӯзгору осори – устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ”, “Ривоятҳо аз зиндагиномаи шоир” суханронӣ намуданд. Аз тарафи гурӯҳи донишҷӯён саҳначаи бедеӣ аз ҳаёти устод Рӯдакӣ пешкаши иштирокчиёни ҳамоиш гардонида шуд, ки ба ҳамагон хеле писанд омад.

Осори устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ дар ҳақиқат барои тамоми адабиётшиносони ҷаҳон бебаҳо аст. Яке аз шоирони гумноми ҳамзамони устод Рӯдакӣ дар марсияи ба ӯ бахшидааш чунин суханҳо гуфтааст:

**Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй,**
**Гул бирезад, нарезад аз вай бӯй**
**Шоират ку кунун, ки шоир рафт,**
**Набувад низ ҷовидона чун уй.**
**Чанд ҷӯйи чу ӯ? Наёбӣ боз,**
**Аз чун ӯ дар замона даст бишӯй!**

Дар ҳамоиш ба иштирокчиён филми таърихии «Қисмати шоир», муаллифи филмнома Сотим Улуғзода, коргардон Барис Кимёгаров, ки соли 1959 ба навор гирифта шуда буд намоиш дода шуд.

**Ш.КОМИЛОВА,**
**мудири кафедраи “Забон ва адабиёти тоҷик”-и МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.”**

# ОФТОБО БОРИ ДИГАР ХОНАРО ПУРНУР КУН, ...




Таҳти ин унвон 30 сентябри соли равон дар Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз» конференсияи бадеӣ, бахшида ба бузургдошти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ бо ибтикори кафедраи Забон ва адабиёти тоҷик ва бо иштироки васеъи устодону донишҷӯён баргузор гардид.

Дар конфронс асарҳои Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба намоиш гузошта шуда, аз тарафи маърӯзачиён дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоир садо доданд.

Дар чорабинӣ донишҷӯён аз эҷодиёти шоир – «Маснавии Маънавӣ» шоҳбайтҳо, қиссаҳо ва ғазалиёт бо як маҳорати хуби бадеӣ қироат намуданд.

Мудири кафедраи Забон ва адабиёти тоҷик чорабиниро ҳусни анҷом бахшида, иброз намуд, ки маҳз бо ибтикори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кӯшишҳои Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо қарори ЮНЕСКО 800 – солагии шоир ва файласуфи зиндаёд Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ соли 2007 ҷашн гирифта шуд. Ва ҳамасола рӯзи 30 сентябр – рӯзи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба таври васеъ ва ифтихори миллӣ қайд карда мешавад.

**Ҳотами мулки Сулаймон аст илм,**
**Ҷумла олам сурату ҷон аст илм.**

**Шафоат Комилова,**
**мудири кафедраи Забон ва адабиёти тоҷики МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.»**

Агар муаллим барои эҳёи тафаккури насли нав хизмат намекард, зиндагӣ як лаҳза ҳам пеш намерафт. (А. С. Макаренко)

ДАРМОНБАХШ
№ 7 (37) 18 октябри соли 2021

## ТАҶЛИЛИ “РӮЗИ ОМӮЗГОР” ДАР КОЛЛЕҶ

Санаи 13 октябри соли ҷорӣ дар МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Рахмонзода Р.А.” “Рӯзи омӯзгор” ҷашн гирифта шуд. Дар ҷамъомади тантанавӣ роҳбарият ва устодони соҳибтаҷриба суханронӣ намуда, аз дастовардҳои муассиса тули 30 соли Истиқлолия-





ти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдрас шуданд. Қайд карда шуд, ки муассисаи таълимӣ, ки қариб таърихи 70 сола дорад тули фаъолияташ бо заҳмати устодон ҳазорон мутахассисони миёнаи тиббиро омода намуда, барои хизмат барои ҳифзи тандурустии аҳолии кишвар сафарбар намудааст. Ҳоло дар Коллеҷ зиёда аз 200 нафар омӯзгорон кору фаъолият доранд. Барои хизматҳои шоиста дар тарбияи насли ҷавон ва омодасозии мутахассисон ду нафар кормандон бо медали Хизмати шоиста аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кадрдонӣ шудаанд. Панҷ нафар омӯзгорон дорои унвони номзади илмҳо буда, 14 нафар бо нишони Аълочии тандурустӣ ва 36 нафар бо нишони Аълочии маорифи Тоҷикистон кадрдонӣ шудаанд. Ду нафар омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонии муассиса бо нишони хизмати шоиста дар соҳаи варзиш кадрдонӣ шудаанд.

Дар ҷамъомади тантанавӣ ба ду нафар омӯзгороне, ки соли ҷорӣ рисолаи номзадиашонро ҳимоя намуданд аз суратҳисоби махсуси Коллеҷ ба маблағи 5 000 сомонӣ мукофотпулӣ ва ифтихорнома тақдим карда шуд. Озмуни “Омӯзгори соли муассиса” барои соли таҳсили 2020-2021 ҷамъбаст карда шуд, ки дар натиҷа ба 3 нафар омӯзгорон, ки ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд сипосномa ва мукофотпулӣ тақдим карда шуд. Ҳамчунин, 30 нафар омӯзгороне, ки тули солҳои охир фаъолияти босамар ва беҳтаринро дар ҷодаи таълиму тарбияи донишҷӯён нишон додаанд бо сипоснома ва мукофотпулӣ сарфароз гардонида шуданд.

**Азиззода З.А. н.и.т., директори МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Рахмонзода Р.А.”**



## МАВЛУДАТОН МУБОРАК!

**Маъмурият, ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ва аҳли эҷоди рӯзномаи «Дармонбахш» ба омӯзгорон:**

1. **ШОВАЛИЕВА ҚУРБОНБӢ,01.10.1981,** муаллимаи фанни У.Т.К.Л;
2. **ПАРВИНАИ ЗИКРИЁ, 10.10.1991,** лаборант;
3. **МАҲМАДОВА ЗАРИНА, 10.10.1973,** муаллимаи фанни забони тоҷикӣ;
4. **ҲАМИДОВА ШАРИФАМО,15.10.1974,** муаллимаи фанни фармакология;
5. **ЯТИМОВА РУХШОНА,17.10.1975,** муаллимаи фанни биология;
6. **АЛИЗОДА МОҲРУХСОР, 24.10.1992,** муаллимаи фанни момой ва бемориҳои занона;
7. **БОБОЕВ ЁРМУҲАММАД,28.10.1982,** муаллими фанни анатомия;
8. **БАЖОВА МАЛИКАМО, 29.10.1972,** котибаи ШК;
9. **АБДУРАҲМОНОВА ҲАЛИМА, 30.10.1975,** муаллимаи фанни забони лотинӣ;

**ки дар моҳи октябр ҷашни мавлуд доранд ба соҳибҷашнҳо дуои бардавоми умр ва бароры муваффақиятҳоро аз даргоҳи Худованди саховатманд бахшоянда хоста, аз номи шоир бахрашон гуфтанием:**

**Муборак бод шуморо ҷашни зодрӯз,**
**Шумо зеботаред, зебо дар ин рӯз.**
**Гули нозед, маҳи нозед, шаҳи ноз,**
**Илоҳо то абад бошед сарфароз.**
**Зодрӯзи шумо бӯи баҳор оварда,**
**Пайғоми фараҳ ба рӯзгор оварда**

**Бигузор барои амалӣ намудани нақшаҳои беохиру ҳоҳишҳоятон ҳамеша вақти кофиву имконият фароҳам бошад. Мавлудашонро мубораккбод мегӯем.**

**Зодрӯз муборак омӯзгорон ва кормандони азиз!**

## ТАНТАНА АЗ ИСТИҚЛОЛ ВА ҶАШНИ РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Рӯзи 5-уми Октябр шаҳри Кӯлоб қабои идона дошт. Ҳама мардум бо шодию хурсандӣ барои пешвози Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мешитофтанд. Он рӯз барои иштирок дар чорабиниҳои тантанавӣ, ки зиёда аз 1000 нафар омӯзгорону донишҷӯёни Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ҷалб буданд ба фурудгоҳи шаҳр ва гулбоғи Сомон мешитофтанд. Саҳни муассиса идона оро ёфта буд. Устодону донишҷӯён таҳти суруду мусиқӣ рақсу бозӣ намуда, бахшида ба Истиқлолият, бузургии забони давлатӣ ва хизматҳои Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои расидан ба ин рӯзҳои саид шеърҳо қироат менамуданд. Пас аз чорабинии фарҳангӣ дар толори муас-



сиса ҳамоиши бадеӣ, бахшида ба рӯзи забони давлатӣ таҳти унвони «Забони миллат - пояи миллат» баргузор гардид. Устодони кафедраи «Забон ва адабиёти тоҷик» ва ҳамчунин донишҷӯён бо маърӯзаю шеърхонӣ дар васфи забони тоҷикӣ, Истиқлолияти давлатӣ ва саҳми Президенти кишвар, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташкили мамлакати соҳибистиқлол ва ташаккулу пойдории забони давлатӣ баромад намуданд. Чорабиниҳо бо як ҳиссиёти баланди ватандорӣ, шукургузорӣ аз ин сарвару аз ин диёр баргузор карда шуданд.



**Хизмати шоиста бар халқу миллат кард ӯ,**
**Мардумашро соҳиби бахту саодат кард ӯ.**
**Офарин бар модаре Эмомалиро офарид,**
**То даме, ки хаст дунё, Тоҷикистон зинда бод!**

**Ш.Комилова, мудири кафедраи «Забон ва адабиёти тоҷик»-и МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз»**

## ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ

Дар замони ҳозира талабот ба растаниҳои доруғӣ сол аз сол меафзояд. Растаниҳои доруғӣ нафақат дар тиб истифода бурда мешаванд, балки онҳоро дар дигар соҳаҳои саноат: хӯрокворӣ, қаннодӣ, консерваҳо, ороишӣ, парфюмерӣ низ бомуваффақият истифода мебаранд. Ҳамчунин, дар тибби халқӣ номгӯи зиёди онҳоро табибони халқӣ барои табобати беморон васеъ истифода мебаранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 4500 намуди растаниҳои доруғӣ мерӯянд, ки дар ягон давлати дигар чунин миқдор растаниҳои доругиро пайдо кардан номумкин аст. Аз ин миқдор растаниҳои доруғӣ зиёда аз 1700 номгӯи онҳо дар тибби халқӣ истифода мешаванд. Захираи умумии растаниҳои доруғӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола 3500 тоннаро ташкил медиҳад. Ба ғайр аз ин дар солҳои охир парвариши растаниҳои доруғӣ, ба монанди бобуна, ҳамешабаҳор (колендула), сумбула ва ғайра ба роҳ монда шудааст. Вобаста ба шароити хоку иқлими ноҳияҳои кӯҳи дар Ҷумҳурии мо дар вилояти Суғд дар базаи минтақавии таҷрибавӣ тадқиқоти парвариши бомуваффақияти растаниҳои доругии ангат, намуди сервитамини намуди хуч, нардсунбули доруғӣ, газнаи сагак, буи модарон, сано, пудина, чокла, топинамбур, ҳамешабаҳор, бобуна) ба роҳ монда шудааст. Чи хеле, ки ба ҳамагон маълум мебошад захираи табии растаниҳои доругии заѓоза (эфедра) 700-800 тонн, решаи ширинбия то 1000 тонн, мастак (термопсис) 600-700 тонна,адониси туркистонӣ 500-600 тонна. Меваи хуч 200-250 тонна, меваи ангат 150-200 тоннаро ташкил медиҳад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки ҷамъоварии ин растаниҳои доругиро ба роҳ монда саноати дорусозиро дар ҷумҳурӣ сохта ривоҷ равнақ диҳем. Ҳануз солҳои 80-90 асри гузашта дар асоси хуҷҷатҳои техникию иқтисодӣ дар бораи сохтани 10 хоҷагиҳои махсус оиди парвариши растаниҳои доруғӣ қарор қабул карда шуда буд. Барои коркарди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд 4 заводи дорусозӣ сохта ба истифода дода мешуд. Лекин ин ҳама дар гузашта бе иҷро монд. Баъди ба дастовардани Истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳоро дида истодааст, ки аз ин имкониятҳо пурсамар истифода бурда, фаъолияти дорусозӣ, коркарди гиёҳҳои шифобахшро ба сомон расонад. Барои боз ҳам пурзур намудани омӯзиш, истифодабарии растаниҳои доруғӣ коркарди онҳо дар корхонаҳои коркарди гиёҳҳои шифобахш аз тарафи Ҳукумати ҶТ Барномаи «Парвариш, ҷамъоварӣ, коркарди растаниҳои доруғӣ ва аз онҳо истеҳсол кардани маводҳои доруғӣ барои солҳои 2005-2014» қабул шуда буд. ки дар асоси ин барнома дар як қатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ корхонаҳои коркарди гиёҳҳои шифобахш сохта ба истифода дода шуданд. Аз ҷумла дар шаҳри Кӯлоб чунин корхона сохта шуд ва дар ҳозира фаъолият намуда истодааст. Дар корхона зиёда аз 30 номгӯи гиёҳ чойҳо ва маҷмӯъи гиёҳчойҳо тайёр карда шуда, дар асоси дархости муассисаҳои табобатӣ ва дорухонаҳои ҷумҳурӣ таъмин карда мешавад.

**Б.ЗУЛФАЛИЕВ, омӯзгори фанни фармакология**